«Тасдиқ мекунам»
директори Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
_______________ Шарифзода Ф.Х.
«_19_» ___12___ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода соли 2014 факултети забонҳои Шарқи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳозира Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода)-ро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, солҳои 2014-2016 дар риштаи магистратураи Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳсил намудааст.

Номбурда бо Амри Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.11.2016, №30001/23-407 ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзонаи Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул гардида, дар асоси қарори раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 11.11.2019, №124 таҳсилро дар шуъбаи аспирантураи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расонидааст. Айни замон ба ҳайси директори муассисаи таълимии Гимназияи хусусии «Кафолат» фаъолият дорад.

Мавзуи диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар ҷаласаи Шурои илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 28.02.2017 бо қарори №2 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмии довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои филологӣ, директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур

Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қаландариён Ҳоким Сафар мебошад.

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертант Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода 03.01.2025 таҳти №1252 шаҳодатномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 19 декабри соли 2025 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз тарафи муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Мавзуъ ва масоили марбут ба адабӣ-танқидӣ ва назарии шоирону нависандагон ҷумлаи мавзуъҳоест, ки дар адабиётшиносии тоҷик дар маркази таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон қарор мегирад. Симоҳои барҷастаи илму адаби тоҷик афкору андешаҳои худро роҷеъ ба масоили марбут ба каломи бадеъ дар шаклу анвои гуногун баён намуда, ба ин восита дар ташаккулу рушди улуми адабиётшиносӣ, хусусан, назарияи адабиёт ва нақди адабӣ саҳми бориз гузоштаанд. Аҳмади Дониш дар баробари фаъолияти шоирию нависандагӣ оид ба масъалаҳои гуногуни адабию назарӣ низ изҳори андеша карда, мутаассифона, то ин замон дар адабиётшиносии тоҷик масоили марбут ба афкори адабию назарии ӯ ба шакли мукаммал омӯхта нашуда буд. Аз ин рӯ, ба доираи таҳлилу таҳқиқ фаро гирифтани андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш аз **аҳаммият** холӣ нест.

Мавзуи диссертатсияи мавриди назар ба доираи мавзуъ ва масоили таҳқиқии **шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, хусусан, бандҳои 7 ва 8-и** «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи мазкур комилан **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Диссертатсия** дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия гардида, ба яке аз самтҳои муҳимми афзалиётноки таҳқиқоти илмӣ **мутобиқат мекунад.** Ин самт ба омӯзиши амиқи масъалаҳои марбут ба таҳкими сулҳу ваҳдат дар ҷомеа, ҳифз ва рушди манфиатҳои ҳаётан муҳимми миллӣ, таҳқиқи таърихи пурғановати халқи тоҷик, инчунин таҳлилу баррасии масоили забону адабиёт ва фарҳанги миллӣ равона шудааст. Мақсад аз ин таҳқиқот таҳкими пойгоҳи миллӣ барои фаҳмиши равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, баланд бардоштани

худогоҳии миллӣ ва таҳкими пояҳои маънавии давлатдории миллӣ мебошад. Ҳамчунин, ба маводди диссертатсия ва хулосаю натиҷагириҳои он зимни пажӯҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни марбут ба таърихи адабиёти тоҷик метавон такя кард.

**Мақсади** асосии таълифи диссертатсия таҳқиқи масоили марбут ба андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмад Махдуми Дониш буда, пажӯҳиш дар муқоиса бо андешаҳои назарӣ ва адабии бузургтарин мутафаккирон ва суханшиносони адабиёти форсии тоҷикӣ сурат гирифтааст. Барои расидан ба ин аҳдоф вазифаҳои мушаххас гузошта шуда, дар ин миён ба баррасии ҷойгоҳи Аҳмади Дониш дар таърихи адабу фарҳанги миллӣ, таъини дастоварду норасоиҳо дар самти аҳмадидонишшиносӣ, мушаххас намудани заминаҳои пайдоиш ва таҳаввули андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш, баррасии муҳимтарин истилоҳоти адабӣ дар осори Аҳмади Дониш, мафҳуми “шеър” ва муайян намудани рисолати шоир аз назари Аҳмади Дониш таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

Дар диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар ҳолати зарурат ба осори адабӣ ва илмию назарии адибону донишмандони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла С. Айнӣ, С. Улуғзода, Х. Мирзозода, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, Ш. Ҳусейнзода, Р. Мусулмониён, Х. Шарифзода, А. Сатторзода, М.М. Бахтин, Б.М. Эйхенбаум, В.М. Жирмунский, М.Л. Гаспаров, Ю.М. Лотман, Д.С. Лихачёв ва дигарон такя карда шудааст.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** осори адабии Аҳмад Махдуми Дониш, хусусан, «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисола дар назми тамаддун ва таовун», «Меъёру-т-тадайюн», «Девони ашъор», порчаҳои алоҳидаи ашъори ӯ, ки дар маҷмуаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, мавриди истифода қарор гирифта, ҳамчунин, мақолаву гузоришҳои марбут ба рӯзгор ва осори Аҳмади Дониш низ мавриди таҳлилу қиёс қарор гирифтаанд.

Кори таҳқиқии мавриди назар аз чанд ҷиҳат **навгонӣ** дошта, пеш аз ҳама, дар адабиётшиносии тоҷик нахустин кори таҳқиқии мустақим дар мавриди андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш мебошад. Аҳмади Дониш асар ё рисолаи алоҳидае роҷеъ ба масъалаҳои адабӣ иншо нанамуда бошад ҳам, андешаҳои ӯ доир ба сухану суханварӣ, шеъру шоирӣ, санъату навъҳои бадеӣ ва пешаи аҳли қалам дар асарҳои таърихӣ, рисолаҳо, ҳикоятҳо ва мусаввадаҳояш ҷо-ҷо иброз гардидаанд. Аз ин ҷост, ки андешаҳои мутафаккир нахустин бор ҷамъоварӣ ва дар асоси меъёру талаботи илми адабиётшиносӣ тасниф ва таҳлил гардидаанд.

**Аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки маводди диссертатсия ва хулосаҳои он донишҳои назариро доир ба шинохту баррасии осори Аҳмад Махдуми Дониш ва ташаккулу таҳаввули афкори адабӣ-танқидии адибон тақвият бахшида, барои навиштани мақолот ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ дар самтҳои назарияи адабиёт, нақди адабӣ, сабкшиносию матншиносӣ ва ҳангоми таълиму тадриси фанҳои тахассусии риштаи суханшиносӣ мусоидат карда метавонад. Таҳқиқи ин мавзуъ аз ҷиҳати назарӣ аҳаммияти хосса дошта, имкон медиҳад, ки равандҳои ташаккули тафаккури иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва адабии нимаи дувуми асри XIX бо дидгоҳи илмӣ бозбинӣ шаванд. Аз ҷониби дигар, таҳлили дидгоҳҳои Аҳмади Дониш дар бораи адабиёт, моҳияти шеъру шахсияти шоир, воқеияти иҷтимоӣ ва зарурати ислоҳоти фикрӣ ба арзёбии ҷараёнҳои фарҳангӣ-адабии асри XIX аз нуқтаи назари имрӯза мусоидат карда метавонанд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун маводди илмию назарӣ ҳангоми анҷом додани таҳқиқоти илмӣ дар самти омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои марбут ба назарияи адабиёт ва нақди адабии тоҷик истифода гардида, ба сифати маводди таълимӣ дар ҷараёни таълиму тадриси фанҳои риштаи суханшиносӣ ёрӣ расонида метавонанд.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар 7 мақолаи муаллиф инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълифу таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автoрефератро инъикос менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Қаландариён, Ҳ.С., Саидмуродзода, Ш.Ш. (Шариф, Ш.С.). Мафҳуми истилоҳи «аҳли қалам» дар осори Аҳмади Дониш [Матн] / Ҳ.С. Қаландариён, Ш.Ш. Саидмуродзода // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – Хоруғ, 2024. – №3 (31). – С. 49-53.

[2-М]. Саидмуродзода, Ш.Ш. (Шариф, Ш.С.). Ду омили асосие, ки барои андешаҳои адабии Аҳмади Дониш замина гузоштанд [Матн] / Ш.Ш. Саидмуродзода // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2024. – №4 (48). – С. 155-161.

[3-М]. Шариф, Ш.С. Мухтасар аз таҳқиқи ҳаёт ва осори Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Шариф // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2024. – №4 (56). – С. 296-302.

[4-М]. Шариф, Ш.С. Дидгоҳ ва андешаҳои мунаққидонаи Аҳмади Дониш [Матн] / Ш.С. Шариф // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2025. – №1-1 (131). – С. 60-65.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Шариф, Ш.С. Дастовардҳои адабиётшиносии тоҷик дар шинохти Аҳмади Дониш [Матн] / Ш.С. Шариф // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Филологияи Шарқ: пажӯҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ» (ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 08.12.2023). – Душанбе, 2023. – С. 421-425.

[6-М]. Шариф, Ш.С. Зикри Аҳмади Дониш дар сарчашмаҳои адабӣ [Матн] / Ш.С. Шариф // Маводди конференсияи байналмилалии II-юми илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Рушди иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он» (Бахши илмҳои гуманитарӣ. Масъалаҳои адабиётшиносӣ) (ДДХ ба номи М. Назаршоев, 30.11.2024). – Хоруғ, 2024. – С. 186-197.

[7-М]. Шариф, Ш.С. Таъсири муҳити адабии замон ва шиносоӣ бо фарҳангу тамаддуни халқҳои дигар дар таҳаввули афкори адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш [Матн] / Ш.С. Шариф // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Вазъият ва дурнамои амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Бахши 3. Эҳё ва рушди фарҳанги миллӣ таҳкимбахши Истиқлоли давлатӣ) (ДДБ ба номи Н. Хусрав, 14.06.2025). – Бохтар, 2025. – С. 387-392.

**Натиҷаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллифи диссертатсияро** ҳангоми таълиму тадриси фанҳои таърихи адабиёти тоҷик, таърихи нақди адабӣ, назарияи ҷинсу жанрҳои адабӣ, курс ва семинарҳои махсус дар факултетҳои суханшиносии мактабҳои олии кишвар **татбиқ ва истифода намудан** мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** ба ҳадди зарурӣ дарк ва таҳқиқ шудани масъалаҳои меҳварии бобу фаслҳои диссертатсия, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кори таҳқиқӣ, нуктаҳои ба ҳимоя

пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ оид ба вежагиҳои афкори адабию назари Аҳмади Дониш таъйид мекунанд. Ҳамчунин, саҳми шахсии муаллиф дар муайян кардани дурнамои мавзуи таҳқиқӣ, маъруза дар конференсияҳои сатҳи гуногун ва нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир меёбад.

Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» **ба ихтисоси интихобшуда комилан мувофиқат мекунад.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 фасл, 8 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва замима иборат буда, дар ҳар кадоме аз фаслу бобҳои диссертатсия истинод ба сарчашмаҳои адабию илмӣ, интихоби дурусти методҳои таҳқиқӣ ва таҳлилу баррасиҳои асоснок ба мушоҳида мерасанд.

Аз таҳлилу баррасии кори таҳқиқии довталаби дараҷаи илмӣ ва масъалагузориҳои ӯ маълум мешавад, ки диссертант ба ҳадафи таҳқиқ ноил шудааст. Дар ҷараёни баррасии диссертатсия ва автореферати Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода аз тарафи доктори илмҳои филологӣ У. Юсуфов ва номзадони илм – А. Набавӣ, М. Муҳаммадӣ ва А. Маликзод саволҳо пешниҳод гардиданд. Унвонҷӯ Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода ба саволҳои онҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Дар муҳокима олимони шуъбаи таърихи адабиёти Институт доктори илмҳои филологӣ У. Юсуфов, номзадони илмҳои филологӣ – А. Набавӣ, М. Муҳаммадӣ, А. Маликзод, Х. Давлатова ва ходимони илмӣ М. Акбарзод, Г. Усмонова ва З. Исматова иштирок намуда, оид ба дастовардҳо ва нуқсҳои рисола изҳори назар намуданд.

Шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзодаро мавриди баррасӣ қарор дода, доир ба ин масъала қарори дахлдор қабул намуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти

тоҷик, равобити адабӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 19 декабри соли 2025 қабул гардидааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 10, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласаи № 4, аз «19» декабри соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**

мудири шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ Умриддин Юсуфов

**Котиби ҷаласа:** Гулчаҳон Ёдгорова

«Имзоҳои У. Юсуфов ва Г. Ёдгороваро тасдиқ мекунам»:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Нарзиқулова Ҳ.

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН * ШУЪБАИ КАДРҲО

**Маълумот барои тамос:**
Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Телефон: (+992) (37) 2 27 29 07
E-mail: iza_rudaki17@mail.ru